**«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»**
**Сардори Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, генерал-майори милитсия**
**__________________ Шарифзода Ф.Р.**
**«_06_» _01___________2024 сол**

# ТАҚРИЗИ

**муассисаи пешбар ба диссертатсияи Ҳакимов Мирзовалӣ Қодирович дар мавзуи «Танзими ҳуқуқӣ-конститутсионии амнияти миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ, пешниҳод шудааст.**

**Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илми эълоншуда.** Диссертатсияи Ҳакимов Мирзовалӣ Қодирович таҳқиқоти илмии анҷомёфта ба ҳисоб рафта, аз ҷониби муаллиф ҳамаҷониба таҳқиқ гардида, ба яке аз мавзуҳои мубрамми илми ҳуқуқи конститутсионӣ – Танзими ҳуқуқӣ-конститутсионии амнияти миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ бахшида шуда, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ мутобиқ мебошад.

**Саҳми илмии довталаб дар ҳалли масъалаи илмӣ ё коркарди проблемаи илмӣ бо арзёбии аҳаммияти он.** Пеш аз ҳама бояд қайд намуд, ки то ба имрӯз дар доктринаи ҳуқуқии ватанӣ проблемаи институти танзими ҳуқуқӣ-конститутсионии амнияти миллӣ ба таври кофӣ таҳқия нагардида, масъалаи таҳқиқшаванда як қатор саволҳоро ҷамъ менамояд, ки ҷавобҳои назариявӣ ва ҳалли амалиро низ талаб мекунанд. Аз як тараф, сухан дар бораи навсозӣ ва такмили қонунгузории миллӣ меравад, ки дар он институти ҳуқуқӣ-конститутсионӣ танзим ва таъмини амнияти

миллӣ, ташаккули дастгоҳи консептуалӣ, нақш ва механизми амалисозии он дар шароити ҳуқуқи муосири тоҷик ташаккул меёбад. Воқеан ҳам, мушкилоти амнияти миллӣ дар қонунгузории кишвари мо бисёрҷанба мебошад. Вазифаи бунёди давлати ҳуқуқӣ ва дунявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳкими ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ва беҳтар намудани фаъолияти мақомоти давлатии амнияти миллӣ яке аз ҳадафҳои муҳимтарини давлат ба ҳисоб меравад.

Саҳми шахсии муаллифи диссертатсия ба сатҳи навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, мақолаҳои илмӣ, маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ – амалии сатҳашон ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ асоснок карда мешаванд. Ҳамчунин, тарзи навишт, гузориши масъала, сабки диссертатсия саҳми шахсии муаллифро нишон медиҳанд.

Қобили тазаккур аст, ки диссертант дар ҳалли як зумра масъалаҳои назариявӣ, ки марбут ба падидаи баррасишаванда мебошанд, ба муваффақият ноил гардида, ҳамзамон, андешаҳои илмиеро коркард намудааст, ки онҳо барои рушди илми ҳуқуқшиносии ватанӣ ва такмили қонунгузории конститутсионӣ метавонанд саҳми назаррасеро гузоранд. Ба назари муаллифи рисола, масъалаи баррасишаванда дар заминаи асосҳои бунёдии ҳуқуқӣ, ки дар он меъёрҳои Конститутсияи амаликунандаи кишвар аҳаммияти аввалиндараҷа доранд. Аз ин рӯ, рисоланавис дар интихоби мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ ба иштибоҳ роҳ надода, балки мавзуи интихобнамудаи ӯ саривақтӣ ва мубрам мебошад.

Бахши дигари муваффақияти диссертант, ин аз нигоҳи назариявӣ пешниҳод намудани моҳият ва мазмуни ҳуқуқӣ-конститутсионии таъмини амнияти миллӣ мебошад. Муаллиф иброз менамояд, ки масъалаҳои таъмини амнияти шахс (инсон), ҷомеа ва давлат яке аз масъалаҳои мубрами рӯз ба шумор мераванд. Ҳар як давлат ҳимояи соҳибихтиёрии худ, рушди устувори ҷомеа, зиндагии шоистаи тамоми иштирокчиёни онро ҳадафи асосӣ мегузорад. Бинобар ҳамин, айни

замон дар Тоҷикистон ва ҳам дар саросари ҷаҳон, ба мушкилоти таъмини амнияти миллӣ таваҷҷуҳи хоса зоҳир карда мешавад.

Масъалаи мубрамми дигаре, ки диссертант зери таҳқиқ қарор додааст, ин ташаккули вобаста ба тадқиқи ҷанбаи ҳуқуқӣ-конститутсионӣ, сохтор ва фаъолияти механизми давлатӣ дар таъмини амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳаминро қайд кардан ба маврид аст, ки маънои методологии категорияи «механизми давлатӣ-ҳуқуқӣ»-ро дар таҳлили сохторию функсионалӣ, доир ба унсурҳои низоми таъмини амнияти миллӣ истифода бурдан бс мақсад мувофиқ аст. Қобили зикр аст, ки мафҳуми «механизми ҳуқуқӣ-конститутсионӣ дар таъмини амнияти миллӣ» дар таълимот бо назардошти илми ҳуқуқшиносӣ назариявӣ васеъ истифода мешавад, ки бояд ба он аҳаммияти махсуси ҳуқуқӣ-юридикӣ дода, ҳамчун як намуди махсуси механизми ҳуқуқӣ амал намояд. Мазмуни ин падида ҳамчун маҷмуи воситаҳои ҳуқуқие, ки аз рӯйи нақшаи муайяни меъёрии муқарраршуда мунтазам ташкил ва ошкоршуда, ки аз меъёрҳои конститутсионӣ асос ёфтаанд, марҳила ба марҳила амал мекунанд. Дар баробари ин, тамоми унсурҳои механизми ҳуқуқӣ бо назардошти меъёрҳои конститутсионӣ дар робитаи мантиқӣ қарор доранд.

Механизми ҳуқуқӣ-конститутсионӣ дар таъмини амнияти миллии давлат, ҳамон қувваи моддии ташкилие мебошад, ки давлат таввасути он қудраташро амалӣ менамояд. Ҳамзамон, татбиқи вазифаҳо дар соҳаи таъминоти ҳуқуқӣ-конститутсионии амнияти миллӣ, амалӣ намудани фаъолият дар самтҳои асосии стратегӣ аз ҳисоби муттаҳидсозии кӯшишу захираҳои мақомоти ҳокимияти давлатӣ, институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, ки ба ҳимояи манфиатҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, тавассути истифодаи ҳамаҷонибаи тадбирҳои сиёсӣ, ташкилӣ, иҷтимоию иқтисодӣ, ҳуқуқӣ, махсус ва дигар чораҳои дар доираи банақшагирии стратегӣ ба манфиати миллии Тоҷикистон таҳиягардида равона шудаанд, таъмин карда мешавад.

Мазмуни муайянкунандаи меъёрҳои иҷтимоӣ, маҷмуи дахлдори арзишҳои хоси ин ҷомеа, неъматҳои маънавӣ ва моддӣ бошанд, барои қонеъ кардани ниёзҳои ҳаётан муҳимми иштирокчиёни муносибатҳои ҷамъиятӣ хизмат мекунанд. Зарурати ҳифз, эҳё ва рушди чунин арзишҳо ва неъматҳои анъанавии миллӣ моҳияти манфиатҳои миллӣ ва хусусиятҳои онҳоро дар марҳилаҳои гуногуни рушди ҷомеаи миллӣ инъикос менамояд. Дар маъниҳои зикршуда, манфиатҳои миллии Тоҷикистонро ҳамчун «низоми пайдарпай такроршаванда ва тавлидкунандаи арзишӣ-идеологӣ» баррасӣ кардан комилан дуруст аст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия** ба мақсаду вазифаҳои таҳқиқот мувофиқ буда, аз номгӯйи ихтисорот, муқаддима, ду боб, шаш зербоб, хулоса, тавсияҳо ва феҳристи адабиёти истифодашудаву маъхазҳо таркиб ёфтааст. Ҳаҷми умумии диссертатсия 210 саҳифаро дар бар мегирад.

Дар муқаддима мубраммияти мавзуи тадқиқотӣ асоснок гардидааст, дараҷаи инкишофи илмии он тавсиф шуда, асосҳои методологӣ ва назариявии кор, асосҳои меъёрӣ, ҳуқуқӣ-конститутсионии рисола нишон дода шудааст, нуктаҳои шаҳодатдиҳандаи навгонии илмӣ ва аҳаммияти амалии рисола, инчунин нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ мухтасар дар бораи таҳқиқот ва сохтори диссертатсия оварда шудаанд.

**Дар баробари ҷанбаҳои зиёди мусбат доштани таҳқиқоти унвонҷӯ баъзе масъалаҳои баҳснок ва норавшан ба мушоҳида мерасанд, аз ҷумла:**

1. Муаллиф дар зербоби якуми боби аввал (дар саҳифаи 44) таъкид кардааст, ки амнияти миллӣ ба категорияи конститутсионӣ ва ҳуқуқӣ тааллуқ дошта, мафҳумҳои «амнияти конститутсионӣ» ва «амнияти сохти конститутсионӣ» ба доираи умумии фаъолият дохил мешаванд, пас оё «амнияти конститутсионӣ», «амнияти сохти конститутсиони»-ро таъмин карда метавонад.

2. Унвонҷӯ дар саҳифаи 67-уми диссертатсияи худ қайд кардааст, ки аз соли 1993 инҷониб амнияти қонунгузории кишвар асоси таҳкурсии

устувори идоракунии давлатӣ ба шумор меравад. Хуб мешуд, ки ин масъаларо ба шакли возеҳ маънидод менамуд, чунки ин мушкилот дар давраҳои гуногуни рушди ҷомеаи соҳибистиқлоли тоҷик борҳо мавриди баҳсу баррасӣ қарор гирифта буданд.

3. Муаллиф дар зербоби дуюми боби дуюм «Сохтор ва асосҳои ҳуқуқии ҳамкории унсурҳои механизми ҳуқуқӣ-конститутсионии таъмини амнияти миллӣ», дар саҳифаи 108 овардааст, ки асосҳои ҳуқуқии сохторсозӣ ва ҳамкории унсурҳои механизми давлатӣ дар таъмини амнияти миллӣ, қонунгузории амалкунандаи ватанӣ ва соҳаҳои ниҳодинавиро ташкил медиҳанд. Бисёр хуб мешуд, ки рисоланавис асосҳои институтсионалии механизми таъмини амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистонро аз ҳисоби институтҳои давлатии дараҷаи олӣ тасниф медод.

Бояд қайд намуд, ки ин эродҳои ишорашуда ба мазмуну мундариҷаи диссертатсия таъсири ҷиддӣ намерасонанд ва арзиши илмии онро коста намегардонанд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ аввалин рисолаи мукаммал оид ба танзими ҳуқуқӣ-конститутсионии амнияти миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Нуктаҳои асосии диссертатсия, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, навгонии рисолаи илмӣ ва натиҷаҳои ҳалли вазифаҳои гузошташударо инъикос менамоянд. Аҳаммияти ҳуқуқӣ-конститутсионии таҳқиқоти диссертатсионии мазкур дар он аст, ки маводи ин рисола фаҳмишҳои илмиро оид ба танзими ҳуқуқӣ-конститутсионии амнияти миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мукаммал гардонида, барои таҳқиқоти минбаъда дар ин самт, ҳамчун сарчашма баромад менамоянд. Нуктаҳои илмӣ ва пешниҳодҳои амалие, ки дар рисолаи Ҳакимов М.Қ. манзур карда шудаанд, метавонанд дар таҳияву такмили қонунгузории конститутсионӣ саҳмгузор бошанд. Инчунин, натиҷаҳои рисоларо метавон дар таълими фанҳои «Ҳуқуқи конститутсионӣ» ва ҳангоми

навиштани корҳои курсӣ, рисолаҳои хатм, рисолаҳои магистрӣ ва рефератҳо истифода бурд.

**Мувофиқати автореферат ба муҳтавои диссертатсия.** Автореферат ба муҳтавои диссертатсия мувофиқат дорад. Дар автореферат натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ, аз он ҷумла, дар мазмуни мухтасар ва кофии бобҳо ва зербобҳои диссертатсия дарҷ ёфтаанд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи Олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсияи Ҳакимов Мирзовалӣ Қодирович ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

**Хулоса рисолаи диссертатсионии Ҳакимов Мирзовалӣ Қодирович** ба талаботҳо оид ба корҳои диссертатсионӣ дар мавриди дарёфти дараҷаи илмии номзади илм мувофиқ буда, муаллифи он сазовори ноил гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ мебошад.

Диссертатсия ва тақризи муассисаи тақриздиҳанда дар семинари васеи илмӣ-назариявии кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии факултети № 2 Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ шудааст. Дар семинар иштирок доштанд: 15 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 15 нафар, «зид» - 0 нафар, «бетараф» - 0 нафар. Суратмаҷлиси семинари васеи илмӣ-назариявӣ таҳти № 1 аз 2 январи соли 2024.

Тақризи муассисаи тақриздиҳанда аз ҷониби Бобоназарзода Фарҳод Шарофидин – муовини сардори факултети № 6 Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ омода шуда, дар маҷлиси кафедра муҳокима ва ҷонибдорӣ шудааст. Дар маҷлиси кафедра иштирок доштанд: 12 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 12 нафар, «зид» - 0 нафар, «бетараф» - 0 нафар. Суратмаҷлиси кафедра таҳти № 6 аз 2 январи соли 2024.

**Раиси семинари васеи илмӣ-назариявӣ:**
Сардори кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии
факултети № 2 Академияи ВКД
Ҷумҳурии Тоҷикистон,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ Каримзода У.К.

**Ташхисгар:**
Муовини сардори
факултети № 6 Академияи ВКД
Ҷумҳурии Тоҷикистон,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ Бобоназарзода Ф.Ш.

**Ихтисос:** 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ

**Котиби ҷаласа:**
Сардори кабинети кафедраи
фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии
факултети № 2 Академияи ВКД
Ҷумҳурии Тоҷикистон, майори милитсия Қурбонзода Ҷ.Ғ.

**Имзои "Каримзода У.К., Бобоназарзода Ф.Ш. ва Қурбонзода Ҷ.Ғ."-ро тасдиқ мекунам:**
Сардори шуъбаи кадрҳои
Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон,
подполковники милитсия Музаффарзода Б.З.

**Суроға:** 734012, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи М. Мастонгулова, 3. Тел.: +992 (37) 226-60-42 Факс: +992 (37) 226-60-43;
E-mail: tam300986@mail.ru Сайт: www.avkd.tj
«06» 01 2024 сол